Ба Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-90-и
назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон
(735700, ш.Хуҷанд, микроноҳияи 17)

ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон (тадқиқоти таърихӣ – ҳуқуқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат)

Таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти давлати муосир буда, бо ҳифзи ҳаёту саломатии инсон, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва устувории муносибатҳои ҷамъиятӣ робитаи бевосита дорад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши воситаҳои нақлиёт, тавсеаи шабакаи роҳҳои автомобилгард ва зиёд гардидани талабот ба ҳамлу нақли мусофирону боркашонӣ, зарурати такмили механизмҳои ҳуқуқию ташкилии идоракунии соҳаро ба миён меоранд. Дар ин раванд, омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди Бозрасии давлатии автомобилӣ барои муайян намудани таҷрибаи андӯхташуда, арзёбии дигаргуниҳои институтсионалӣ ва асоснок кардани самтҳои навсозии фаъолияти он аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мубрамияти мавзуи интихобнамудаи Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло дар он ифода меёбад, ки ташаккули Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон раванди тӯлонии таърихию ҳуқуқӣ буда, таҳаввули мақом, сохтор, салоҳият ва усулҳои фаъолияти ин ниҳодро дар даврaҳои гуногуни давлатдорӣ фаро мегирад. Таҳлили чунин раванд имкон медиҳад, ки фаъолияти мақомоти мазкур на танҳо аз мавқеи назорати маъмурии ҳаракат дар роҳ, балки ҳамчун ҷузъи механизми давлат, низоми ҳифзи ҳуқуқ ва кафолати ҳимояи ҳуқуқи инсон ба ҳаёт баррасӣ гардад. Маҳз чунин

гузориши масъала мазмуни илмии диссертатсияро муайян намуда, аҳаммияти онро барои илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат тақвият мебахшад.

Мубрамияти мавзуъ ҳамчунин бо рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ алоқаманд аст. Рушди низомҳои «Шаҳри бехатар» ва «Шаҳри ҳушманд» дар баробари имкониятҳои нави пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, масъалаҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ, эътимоднокии далелҳои электронӣ ва таъмини ҳуқуқи шикоятро ба миён мегузорад. Пайвастани таҷрибаи таърихӣ бо таҳлили ин мушкилот аз хусусиятҳои мусбати рисола мебошад.

Диссертатсия дар доираи нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вобаста ба мавзуи «Фарҳанги ҳуқуқии ниёгон ва нақши он дар ташаккули ҳуқуқ ва давлатдории муосири тоҷикон» барои солҳои 2023–2027 иҷро гардидааст. Пайванди мавзуи диссертатсия бо самти мазкур дар омӯзиши таҷрибаи таърихии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳаввули ниҳодҳои давлатӣ ва истифодаи ин таҷриба дар шароити давлатдории муосир зоҳир мешавад.

Мақсади таҳқиқот аз омӯзиши маҷмуии сарчашмаҳои таърихию ҳуқуқӣ ва муайян намудани қонуниятҳои ташаккулу рушди Бозрасии давлатии автомобилӣ иборат мебошад. Вазифаҳои гузошташуда таҳлили мафҳумҳои асосӣ, даврабандии таърихии ниҳод, омӯзиши фаъолияти он дар даврaҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ, арзёбии қонунгузорӣ ва таҷрибаи хориҷиро фаро мегиранд. Пайдарпайии онҳо ба муаллиф имкон додааст, ки масъалаҳои таърихӣ, назариявӣ ва амалиро мантиқан пайваста таҳқиқ намояд.

Заминаи назариявии рисоларо асарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар соҳаҳои назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи маъмурӣ, идоракунии давлатӣ ва бехатарии ҳаракат дар роҳ ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳқиқ усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили сохторию вазифавӣ, усулҳои оморӣ ва мантиқӣ истифода гардидаанд. Истифодаи якҷояи онҳо барои муайян кардани робитаи

тағйироти конунгузорӣ бо таҳаввули мақоми ҳуқуқӣ, сохтор ва вазифаҳои Бозрасии давлатии автомобилӣ замина фароҳам овардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар омӯзиши маҷмуии ташаккули Бозрасии давлатии автомобилӣ ва муайян намудани робитаи дигаргуниҳои мақом, сохтор ва вазифаҳои он бо рушди танзими ҳуқуқии соҳа ифода меёбад.

Арзиши сарчашмашиносии диссертатсия дар истифодаи маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии даврахои гуногун, ҳуҷҷатҳои идоравӣ, маълумоти оморӣ ва адабиёти илмӣ ифода меёбад. Муаллиф дар баробари омӯзиши сарчашмаҳо ба муқоисаи маълумоти онҳо ва арзёбии ақидаҳои дар адабиёти илмӣ баёншуда таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ин тарзи кор, бахусус ҳангоми баррасии замони пайдоиши нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ва фарқгузории он аз таърихи таъсиси мақомоти махсусгардонидашудаи назоратӣ, аҳаммияти хос пайдо мекунад.

Аз натиҷаҳои муҳимми илмии диссертатсия даврабандии ҳафтмарҳилавии ташаккул ва рушди Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон мебошад. Муаллиф солҳои 1924–1936, 1936–1940, 1941–1959, 1960–1980, 1981–1991, 1991–2005 ва 2006–2026-ро ҳамчун марҳилаҳои асосӣ ҷудо намуда, онҳоро бо тағйирёбии мансубияти давлатӣ ва идоравӣ, қабули санадҳои бунёдӣ, таъсиси сохторҳои махсус, таҳаввули вазифаҳо ва гузариш ба назорати рақамӣ алоқаманд кардааст. Бартарии ин даврабандӣ дар он аст, ки барои ҷудо намудани марҳилаҳо меъёрҳои ҳуқуқию институтсионалӣ пешниҳод гардида, хусусиятҳои миллии инкишофи ниҳод ба эътибор гирифта шудаанд.

Ҳамчунин, дар рисола таносуби мафҳумҳои «бехатарии ҳаракат дар роҳ» ва «таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ» мушаххас карда шудааст. Муаллиф мафҳуми аввалро ҳамчун ҳолати ҳифзшудагии ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни ҳаракат ва мафҳуми дуюмро ҳамчун фаъолияти мақсадноки субъектҳои дахлдор барои ба даст овардани чунин ҳолат баррасӣ менамояд. Фарқгузории мазкур барои дақиқ намудани

дастгоҳи мафҳумии таҳқиқот ва муайян кардани вазифаю масъулияти субъектҳои таъмини бехатарӣ аҳаммияти назариявӣ дорад.

Ҷанбаи дигари арзишманди таҳқиқот, омӯзиши хусусиятҳои фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ, бахусус солҳои 1992–1997, мебошад. Муаллиф масъалаи тавсеаи вазифаҳои ин ниҳод ва иштироки онро дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, сохти конститутсионӣ ва муқовимат ба ҷиноятқорӣ баррасӣ кардааст. Ин масъалагузорӣ барои дарки ҷойгоҳи Бозрасии давлатии автомобилӣ дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлати соҳибистиқлол ва шарҳи хусусиятҳои таърихии фаъолияти он муҳим мебошад.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб бо фарогирии нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат буда, ҳаҷми умумии он 259 саҳифаро ташкил медиҳад. Сохтори интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, гузариш аз масъалаҳои умумии назариявӣ ба таҳлили таърихию ҳуқуқӣ ва сипас ба мушкилоти муосиру дурнамои рушди ниҳодро таъмин менамояд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, доираи таърихӣ ва асосҳои назариявию методологии таҳқиқот тавсиф шудаанд. Навгонии илмӣ, нуктаҳои ҳимоя, аҳаммияти назариявию амалӣ, саҳми шахсии довталаб ва маълумот оид ба тасвибу интишори натиҷаҳо низ баён гардидаанд.

Боби якум «Асосҳои назариявӣ ва таърихию ҳуқуқии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар он мафҳум ва моҳияти иҷтимоию ҳуқуқии бехатарии ҳаракат дар роҳ, асосҳои назариявию ҳуқуқии таъмини он ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва даврабандии таърихи Бозрасии давлатии автомобилӣ таҳлил шудаанд. Арзиши ин боб дар ташаккули заминаи назариявии рисола ва муайян намудани меъёрҳои омӯзиши раванди таҳаввули ниҳоди мазкур ифода меёбад.

Боби дуюм «Ташаккул ва рушди марҳилавии мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон (таҳлили таърихӣ–ҳуқуқӣ)» ба омӯзиши пайдоиш ва рушди ниҳод дар Тоҷикистони Шуравӣ, хусусиятҳои фаъолияти он дар солҳои нахустини соҳибистиқлолӣ ва таҳлили сохторию вазифавии Дастгоҳи марказии Раёсати БДА бахшида шудааст. Муаллиф тағйироти сохтор ва ваколатҳои мақомоти мазкурро дар иртибот бо дигаргуниҳои давлатдорӣ ва рушди заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ баррасӣ менамояд. Таваҷҷуҳ ба вазифаҳои бақайдгирӣ, назорати техникӣ, хадамоти роҳбонӣ ва корҳои пешгирикунанда ба мазмуни ин боб хусусияти маҷмуӣ бахшидааст.

Дар боби дуюм масъалаи санагузории пайдоиши нақлиёти автомобилӣ низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Бо муқоисаи маводи бойгонӣ ва адабиёти мавҷуда муаллиф маълумоти марбут ба соли 1909-ро баррасӣ намуда, зарурати фарқ гузоштан миёни пайдоиши воситаи нақлиёт, ташаккули назорати ҳаракат ва таъсиси Бозрасии давлатии автомобилӣ ҳамчун мақоми махсусро нишон медиҳад. Ин фарқгузорӣ барои пешгирии омехташавии падидаҳои гуногуни таърихӣ ва дақиқ намудани хулосаҳои таърихию ҳуқуқӣ аҳаммияти методологӣ дорад.

Боби сеюм «Вазъи муосир, мушкилоти амалӣ ва дурнамои рушди фаъолияти мақомоти БДА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таҳаввули қонунгузории соҳавӣ дар солҳои 1991–2026, пайдоишу рушди танзими ҳуқуқии низоми «Шаҳри бехатар» ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ бахшида шудааст. Дар он масъалаҳои назорати давлатӣ, муоинаи техникӣ, хизматрасониҳои электронӣ, кафолатҳои ҳуқуқии истифодаи воситаҳои худкори сабт ва ҳамоҳангсозии байниидоравӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки омӯзиши қонунгузории амалкунандаро бо муайян кардани мушкилоти татбиқи он ва пешниҳоди роҳҳои такмил пайванд диҳад.

Арзиши амалии ин боб, аз ҷумла, дар баррасии зарурати гузариш аз назорати асосан ҷазодиҳанда ба фаъолияти пешгирикунандаву таҳлилӣ ифода меёбад. Тавсия оид ба арзёбии самаранокии фаъолияти БДА аз рӯйи

коҳиши фавту ҷароҳатҳои вазнин, камшавии қитъаҳои серсадама ва бехтаршавии вокуниш ба ҳодисаҳо, на танҳо аз рӯйи шумораи протоколу ҷаримаҳо, қобили тавоҷҷуҳ мебошад. Чунин гузориши масъала ҳадафи фаъолияти мақомоти давлатиро ба ҳифзи вокеии ҳаёт ва саломатии иштирокчиёни ҳаракат равона месозад.

Дар қисмати муқоисавии таҳқиқот таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла равишҳои консепсияи «Vision Zero», таҳлил гардидааст. Муаллиф зарурати мутобиқ намудани таҷрибаи хориҷиро ба шароити кӯҳистонӣ, имкониятҳои ташкилию молиявӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ба миён мегузорад. Пешниҳодҳо оид ба аудити бехатарии роҳ, бехтар намудани инфрасохтор, таҳлили нуқтаҳои серсадама ва ҳамкории мутахассисони ҳуқуқ, муҳандисӣ ва технологияҳои иттилоотӣ аз ҳамин мавқеъ арзиши амалӣ доранд.

Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар тавсеаи донишҳо оид ба таърихи мақомоти давлатӣ, таҳаввули вазифаҳои ҳифзи ҳуқуқ, таносуби назорати маъмурӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ зоҳир мешавад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳқиқоти минбаъда доир ба таърихи мақомоти корҳои дохилӣ, рушди қонунгузории миллӣ ва механизми давлатии ҳифзи ҳуқуқи инсон истифода гарданд. Ҷанбаҳои таърихию институтсионалии рисола мутобиқати мазмунии онро ба ихтисоси 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) таъмин менамоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи пешниҳодҳои он ҳангоми такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳияи барномаҳои соҳавӣ, ташкили фаъолияти таҳлилии мақомоти БДА ва рушди хизматрасониҳои рақамӣ ифода меёбад. Тавсияҳо оид ба ҳифзи маълумоти шахсӣ, огоҳонидани саривақтии шаҳрвандон, дастрасӣ ба далелҳои электронӣ ва таъмини ҳуқуқи шикоят барои ҳамоҳанг намудани самаранокии назорат бо кафолатҳои ҳуқуқи инсон муҳим мебошанд. Маводи рисола ҳамчунин метавонад дар таълими фанҳои «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон» ва «Ҳуқуқи

маъмурӣ», омодасозию такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ истифода шавад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, дар бахши алоҳида тавсияҳои илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, ташкилию амалӣ ва таълимию маърифатӣ пешниҳод шудаанд. Татбиқи пешниҳодҳои марбут ба тағйири конунгузорӣ ва механизмҳои нави идоракунӣ арзёбии дахлдори ҳуқукӣ, ташкилӣ ва молиявиро тақозо мекунад.

Тибқи маълумоти мукаддима ва феҳристи интишороти довталаб, натиҷаҳои таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки 9 мақола ба гурӯҳи нашрияҳои илмии тақризшаванда ва 6 мақола ба дигар нашрияҳо мансуб дониста шудаанд. Мавзуъҳои мақолаҳо ҷанбаҳои таърихии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташаккули Бозрасии давлатии автомобилӣ, мафҳуми бехатарии ҳаракат дар роҳ ва фаъолияти низоми «Шаҳри бехатар»-ро фаро мегиранд. Дар рисола инчунин муҳокимаи натиҷаҳои асосӣ дар ҷаласаҳои илмӣ ва конференсияҳо зикр шудааст.

Мазмуни диссертатсия аз саҳми шахсии Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло дар ҷамъоварӣ ва низомнок намудани мавод, муқоисаи сарчашмаҳо, пешниҳоди даврабандӣ ва таҳияи хулосаҳои илмӣ шаҳодат медиҳад. Муаллиф масъалаҳои таърихию ҳуқуқиро бо мушкилоти муосири фаъолияти мақомоти БДА пайваста, мавқеи худро оид ба самтҳои навсозии ниҳод баён намудааст. Ин хусусиятҳо қобилияти ӯро барои таҳқиқи мустақилонаи масъалаҳои илмӣ ва таҳияи пешниҳодҳои назариявию амалӣ нишон медиҳанд.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда, ҳангоми таҳрири ниҳоии рисола яксон намудани рақамгузории истинодҳо бо рӯйхати маъхазҳо, дақиқсозии мухлати пешниҳоди стратегияи миллии бехатарии ҳаракат дар роҳ ва мутобиқ намудани баъзе нишондиҳандаҳои омории дар қисматҳои гуногун овардашуда мувофиқи мақсад мебошад. Ин масъалаҳо хусусияти таҳририю дақиққунанда дошта, ҳалли онҳо ба возеҳии баён ва санҷишпазирии далелҳо

мусоидат менамояд ва аҳаммияти асосии натиҷаҳои илмии бадастомадаро коҳиш намедиҳад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон (тадқиқоти таърихӣ – ҳуқуқӣ)» кори илмии мустақил ва анҷомёфта буда, масъалаи дорои аҳаммияти назариявию амалиро фаро мегирад. Аз рӯйи мазмун, навгонии натиҷаҳо, сохтор ва аҳаммияти илмӣ он ба талаботҳои рисолаҳои доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгу буда, онро метавон ба ҳимоя пешниҳод кард ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) мебошад.

Роҳбари илмӣ:
профессори кафедраи Ташкили идоракунии
фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи
факултети № 1, Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Н. Ҷ.

Суроғаи роҳбари илмӣ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино 42/1, ҳуҷ.23.
Тел.: +992 988 16 55 55
E-mail: nosir.nazarov@List.ru

Имзои Назарзода Н.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Саидзода А.Р.

Суроғаи муассиса:
734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯч. М. Мастонгулов -3.
Тел.: +992 (37) 226 60 42
E-mail: sh.kadr@vkd.tj